# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: “Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: “Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз ҷониби муаллиф сурат гирифтааст. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Саҳми шахсии муаллиф дар коркарди ҳамаи паҳлӯҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсирасон ба вазъи омоданамоии мутахассисон, талаботи аҳолӣ ва зудтағйирёбандагии онҳо, омӯзиши ҳолати муосири бозори меҳнат, муайяннамоии дараҷаи зисти аҳолӣ, даромаднокии аҳолӣ ва ҳолати воқеии он дида мешавад. Ҳамчунин нуқтаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза пешниҳод карда шудааст.

Доир ба мавзӯи диссертатсионӣ 15 мақола чоп гардидааст, ки ин 5,1 ҷ.ч. (3,5 ҷ.ч. аз муаллиф) буда, аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошад.

Навгонӣ ва натиҷаҳои тадқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардида, бо бандҳои 10.19 - Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ; 10.20 - Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти нигаришҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилотҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат, мувофиқат менамояд.

Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Давлатов Сорбон Назримадович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Рисолаи илмии Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: “Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.–иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент тайёр карда шудааст ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя таҳия шавад.

2. Муқарризони расмӣ доир ба рисолаи илмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

**Қодирзода Диловар Бахридин** – доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессор, Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бабаджанов Рустам Мирзоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Низомова Т.Д.
**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Ҷӯрабоев Ғ.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Шерова Н.Д.